ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «22» 10 соли 2025 № 388/бд ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсияи
Тоҷиддинзода Парвина

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 108 ва 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Тоҷиддинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020502-Забони тоҷикӣ бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бекор карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Тоҷиддинзода П. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020502-Забони тоҷикӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ҳокимхон Ализода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Тоҷиддинзода П. аз 22 октябри соли 2025 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ аз 22 октябри соли 2025, №233.

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ